Тақризи роҳбари илмӣ

ба диссертатсияи **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич** дар мавзуи «**Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси **10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Ёддоштнависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик таърихи хеле куҳан дошта, унсурҳои онро дар таркиби осоре дар сурати таърихномаву сафарномаҳои куҳани тоисломӣ метавон ҷустуҷӯ намуд. Бо ривоҷи нигориши осори таърихиву ҷуғрофӣ, зуҳури тазкираҳо нуфузи падидаҳои ёддоштнигорӣ дар дохили ин навъ осор вусъат гирифта, дар сабки нигориш ва шеваи баёни сафарномаҳо ҷойгоҳи бештар дарёфт, то ҳадде ки дар қисмате аз баррасиҳои анҷомёфта муштаракоти он бо ёддошт таъкид мешавад. Бо гузашти замон истиқлоли жанрии ёддошт дар адабиёти классикии тоҷик нақши чашмгир пайдо карда, бо ҳузури устод Садриддин Айнӣ дар адабиёти муосири тоҷик ва иншои китоби “Ёдлоштҳо” мақом ва ҷойгоҳи махсусе пайдо намуд.

Роҷеъ ба сайри таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти гузашта ва муосири тоҷик силсилаи пажӯҳишҳое ба сомон расидаанд, ки дар онҳо заминаҳои зуҳур, мафоҳим ва истилоҳоти ифодакунандаи он ба сурати хотира, хотиранависӣ, ёддошт, инчунин хусусиятҳои сабкиву ғоявии ин ё он асари ёддоштӣ ва амсоли ин баррасӣ шудаанд, ки дар ин росто метавон ба пажӯҳишҳои устодони бузурги адабиётшиносии тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Худойназар Асозода, Носирҷон Салимӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Шамсиддин Солеҳ ва дигарон ишорат намуд. Аз ҷумла, дар пажӯхишоти ин донишмадони соҳибназар осори ёддоштии Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигар адибони тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Руҷуъ ба мероси адабии аксари адибон ва суханварони муосири тоҷик ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки аксари шоирон ва нависандагони бештар дар айёми бузурсолӣ ба эҷоди осори ёддоштӣ иқдом намудаанд, ки яке аз онҳо шоири маъруф, намояндаи соҳибмактаби адабиёти бачагонаи тоҷик Убайд Раҷаб мебошад. Ҳарчанд дар бораи ашъори кӯдаконаи ӯ пажӯҳишҳои мустақили зиёде ба қалам омадааст, аммо роҷеъ ба се китоби бузургҳаҷми ёддоштии ӯ “Зинда ба ишқ”, “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош”, инчунин силсилаи қиссаҳои ёддоштии вай, ки ба китобҳои мазкур ворид нашудаанд, ҳанӯз таҳқиқоте алоҳидае анҷом нашудааст. Танҳо муҳаққиқони осори адиб дар заминаи баррасии ҷанбаҳои дигари эҷодиёти ӯ ба вуҷуди таълифоти насрии вай ишорат намудаанд ё мақолоте алоҳида навиштаанд, ки онҳо паҳлуҳои осори ёддоштии ин суханварро комилан фаро нагирифтаанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич** дар мавзуи «**Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик**»

пажӯҳиши тоза ва мустақил дар шинохти арзишҳои адабӣ, шеваи нигориш, сарчашмашиносӣ ва дигар вежагиҳои насри ёддоштии Убайд Раҷаб ба шумор меравад. Диссертатсия аз муқаддима, 3 бобу 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Диссертант ба хотири муназзам ҷараёни гирифтани нақду баррасиҳои хеш ва дақиқ намудани сарчашмаи таваҷҷуҳи адиб ба иншои осори ёддоштӣ нахуст пажӯҳиши заминаҳои таърихии зуҳури ёддоштро дар адабиёти классикии тоҷик ба миён гузошта, аносири онро дар таълифоти таърихӣ, ҷуғрофӣ, тазкираҳо бозҷӯӣ намуда, муштаракот ва тафовуташро бо сафарномаҳо таҳқиқ кардааст. Ҳадафи аслии руҷуъ ба таҳқиқи ин масъаро ҳам ба он пайваста аст, ки Убайд Раҷаб бо он доираи мутолеа, таҷрибаи шоистаи омӯзиш, сафарҳои хеш ба манотиқи мухталиф кӯшидааст, ки аз ин манобеи муҳими ёддоштнависӣ баҳра гирифта, дар баробари ин таҷрибаву омӯхтаҳояшро бо ҳам дар ҷараёни нигориш омезиш диҳад.

Ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи устодони адабиёти муосири тоҷик чун Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пулод Толис ва дигарон дорои арзиш ва аҳамияти муҳим мебошад, зеро онҳо дар баробари бо сабки равону соддаву хоси насри ҷаззоби ёддоштӣ ба қалам омадан саҳифаҳои нодири таърихи адабиёти муосири тоҷикро равшан мегардонанд. Ба ин хотир, диссертант пеш аз ҳама офариниши симои адабиву бадеии Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзодаро дар алоҳидагӣ баррасӣ карда, нукоти муҳими марбут ба рӯзгор ва эҷодиёти ҳар ду устоди барҷастаи адабиёти моро бозкушоӣ намудааст. Ин шеваи таҳқиқ низ ба диссертатсия арзиш ва аҳамияти муҳиме дар адабиётшиносии муосир бахшидааст.

Таҳқиқи масоиле чун сохтор, муҳтаво, сабки нигориш, забону баёни ёддоштҳои Убайд Раҷаб ба диссертант имконият фароҳам овардааст, ки ӯ дар навбати аввал арзиш ва аҳамияти бадеии ин осорро муқаррар намуда, шеваҳои хоси иншои осори адибро дақиқ таҳқиқ намояд. Ба таъкиди дурусти диссертант дар сохторшиносӣ Убайд Раҷаб аз шеваи устод Айнӣ бо хубӣ истиқбол намудааст, зеро аксари ёддоштҳои вай аз қиссаҳое иборатанд, ки ҳарчанд хати меҳварии онҳоро ҳузури як нафар адиб ё шахсияти муайяне ба ҳамдигар мепайвандад, вале вобаста ба фазову вақти баргузории ҳодисаҳо онҳо ба сурати ҳикояҳои хурди алоҳида низ ҷилвагар шудаанд. Ин шеваи иншоро устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо"-и хеш бо як сабки хоса истифода кардааст, ки аз он адибони пайрави мактаби ӯ, аз ҷумла Убайд Раҷаб ба шоистагӣ истиқбол намудаанд.

Дар баробари ин, таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамин равиши иншоро нависанда ба шакли дигар, бидуни гузоштани унвон ба ҳар як ҳикояи таркиби қисса низ идома дода, гоҳо маврид аз шеваи баёни куллии ҳодисаву воқеаҳо ба сурати як асари воҳиди давомдор низ ба кор гирифтааст.

Диссертант дар заминаи таҳқиқ ишорат бар он мекунад, ки нависаанда дар баробари ин ки симои адибон ва шахсиятҳои барҷастаи адабиву сиёсиро дар осори хеш меофарад ва дар эҷоди ҳикояву қиссаҳояш бештар ба воқеоту

ҳаводиси рӯзгори худ дар пайванд ба ҳар яки онҳо такя мекунад, симои Убайд Раҷабро дар ёддошту хотираҳои дигарон низ ҳамчун қаҳрамони марказӣ баррасӣ кардааст. Ба таъбири дигар, дар таҳқиқи анҷомдодаи Давлатов Умаралӣ нависанда дар баробари эҷодкори намунаҳои барҷастаи ёддошт дар насри муосири тоҷик ҳамчун қаҳрамони осори ёддоштӣ низ баромад намудааст, ки ин шеваи таҳқиқ низ барои равшан намудани саҳифаҳои муҳими таърихи адабиёти муосири тоҷик аз арзиш ва аҳамияти муҳим бархурдор аст.

Дар умум, диссертатсия фарогири як пажӯҳиши комил ва мустақиле мебошад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик паҳлуҳои мухталифи насри ёддоштии Убайд Раҷабро фаро мегирад. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқу баррасии мавзуъ ба таълифи 10 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф шудааст.

Бо такя бар чунин дастовардҳо, метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи **Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич** дар мавзуи «**Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик**» таҳқиқоти нав дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, ки ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертант шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси **10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.**

доктори илмҳои филологӣ, директори
институти илмӣ- тадқиқотии илмҳои
ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Нуров Н.Н.
Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд
Хуррамшаҳр, 38.
Тел: (992)928763797
Емайл: nurali74@mail.ru

«Имзои Н.Н.Нуровро тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кардҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Э. Наврӯзов
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
Гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: + (992) 90040202
емайл: n. ehson@mail.ru